Худованд агар муқаддар созад, ки банда дар сарзамин ё ҷои дигаре бимирад, барои ӯ дар онҷо ҳоҷат ва ниёзе қарор медиҳад

Аз Матар ибни Укомис (Худованд аз ӯ розӣ бод) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (Салому дуруди Аллоҳ бар ӯ бод) фармуданд: "Худованд агар муқаддар созад, ки банда дар сарзамин ё ҷои дигаре бимирад, барои ӯ дар онҷо ҳоҷат ва ниёзе қарор медиҳад".

[Саҳеҳ] [رواه الترمذي]

Паёмбар (Салому дуруди Аллоҳ бар ӯ бод) хабар додаанд, ки Худованд агар марги бандаеро дар сарзамине муқаррар сохта бошад, ки худи ӯ дар он сарзамин ҳузур надорад, барои ӯ дар он сарзамин ниёз ва ҳоҷате қарор медиҳад, ки банда ба онҷо меояд ва дар онҷо қабзи руҳ мешавад.

http://www.sunnah.global/hadeeth/tg/show/65040